# ТАҚРИЗ

ба диссертатсияи номзадии Шомуродова Барқия Раҳматуллоевна дар мавзуи “Масъалаҳои инкишофдиҳанда дар курси математикаи мактабӣ, функсияҳо ва принсипҳои истифодабарии онҳо дар ҷараёни таълими математикаи мактабӣ (тибқи маводи алгебраи синфҳои 7–8)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02–Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (математика, таҳсилоти миёнаи умумӣ).

Шомуродова Барқия Раҳматуллоевна соли 2007 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро аз рӯи ихтисоси математикаи амалӣ бо дипломи аъло хатм намуда, солҳои 2007-2015 унвонҷӯи кафедраи алгебра ва назарияи ададҳои донишгоҳи мазкур интихоб гардид. Бинобарсабаби иваз намудани манзили истиқоматӣ аз соли 2020 то инҷониб унвонҷӯи кафедраи алгебра ва назарияи ададҳои Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон мебошад.

Шомуродова Б. Р. кори илмӣ–таҳқиқотиашро аз соли 2012 мавриди таҳқиқот қарор дода, диққати ӯро бештар масъалаҳои инкишофдиҳанда, функсияҳо ва принсипи истифодабарии онҳо дар курси математикаи мактабӣ тибқи маводҳои алгебраи синфҳои 7–8 ҷалб намуд.

Дар диссертатсияи номзадии Шомуродова Барқия Раҳматуллоевна асосҳои методии масъалаҳои инкишофдиҳанда, функсия ва принсипҳои истифодабарии онҳо (типқи маводи алгебраи синфҳои 7-8) дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Дар раванди таълим ба инобат гирифтани функсияҳои масъалаҳои инкишофдиҳанда, ташкилу тартиб додани онҳо барои ҳар як мавзуи таълимӣ аз фанни алгебраи синфҳои 7-8 барои хонандагон масъалаи бағоят муҳими педагогӣ мебошад.

Асосҳои назариявии диссертатсияи унвонҷӯйро маъхазҳои методистон, файласуфон, педагогон, психологон, мантиқшиносон, риёзишиносон ва асарҳои муҳаққиқону мутаффакирони хориҷию ватанӣ, ки ба таълими масъалаҳои инкишофдиҳанда, функсия ва принсипи истифодабарии онҳо дар таълимӣ метематика бахшида шудаанд, ташкил медиҳад. Ғояҳои асосии диссертатсияро баланд бардоштани дараҷаи азхудкунӣ ва сатҳи дониши хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, литсейҳо, гимназияҳо, мактабҳои президентӣ, хонандагони болаёқат, колеҷҳо ташкил дода, корҳои озмоишӣ ва муқаррарӣ дар диссертатсия натиҷагирӣ шудааст.

Заминаҳои эмперики таҳқиқотчиро бошад, омӯхтан ва истифода намудани таҷрибаи пешқадами педагогӣ, суҳбат, саволнома,

гузаронидани озмоишҳои мукарраркунанда, инкишофдиҳанда, таҳлилу ҷамъбасти далелҳои бадастомада, таҳлилу арзёбии муқоисавӣ, мушоҳидаи педагогӣ, мусоҳибаҳо, усулҳои хударзёбӣ, арзёбиҳои ташхисӣ, нишондиҳандаҳои сифатӣ, усулҳои микдорӣ ва ғайра фаро мегирад, зеро масъалаҳои инкишофдиҳанда, функсияҳо ва присипҳои истифодабарии онҳо дар ҷараёни таълими математика (тибқи маводи алгебраи синфҳои 7–8) масъалаи начандон сода ва одӣ ба шумор меравад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвой миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба ин масъала қариб дар ҳамаи паёмашон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар» таъкид менамояд, ки омӯзгорони донишманду бомаҳорат бояд оид ба фанҳои риёзӣ, даққиқ ва табиӣ китобҳои дарсии пурмазмун, ва диққатҷалбкунанда омода намуда, дар сатҳи баланд ба табъ расонанд. то ин ки мутахассисони оянда дар муассисаҳои олии касбӣ дуруст ба камол расонида шаванд.

Аз мазмун ва муҳтавои диссертатсияи муаллиф пайдост, ки ӯ ба пажуҳиши ин масъала муваффақ гашта, дар кор сарчашмаву маъхазҳои илми вуҷуд дорад, дар робита ба масъала ва вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда хулосаи дуруст ва воқеии илмиро пешниҳод кардааст. Диссертант зимни барррасӣ ва муайян намудани фардигардонии мавзӯи пешниҳодшуда роҳҳои баланд бардоштани сифати таълимро пешниҳод карда, усулҳои муосири ташаккули маҳорату малакаи хонандагонро нишон додааст.

Принсипҳои методологии дар ин таҳқиқот ифодаёфта барои дурусту саҳеҳ ва ба таври асоснок ташхис намудани натиҷаҳои фаъолияти омӯзгорӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ заминаи заруриро фароҳам меоваранд. Равишҳои назариявии дар таҳқиқот коркардшударо дар соҳаҳои педагогика, психология ва методикаи таълими математика мавриди истифода қарор додан мумкин аст. Бо назардошти талаботи барномаи таълимӣ, мазмуни китоби дарсӣ супоришҳои тестӣ, пурсиши шифоҳи ва корҳои санҷишӣ тартиб дода шуда, барои истифода пешниҳод гардидаанд.

Шомуродова Баркия Раҳматуллоевна дар муқаддимаи дисертатсия ба таври боварибахш мақсади таҳқиқотро асоснок намуда, маводи методологии таҳқиқот, вазифа, метод, объект, мавзуъ, фарзия ва марҳилаҳои таҳқиқот мушаххас гузошта шудаанд ва дар раванди таҳқиқот ҳалли худро ёфтанд. Раванди бадастории натиҷаи таҳқиқот, асоҳои назариявию методологӣ, пойгоҳ, навгонии илмӣ, нуқтаҳои ба

ҳимоя пешниҳодшаванда ва аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот муайян карда шуданд. Натиҷаҳои бадастомада аҳамияти назариявию амалӣ дошта, омӯзгорон ба тавсияҳо ва хулосаҳои диссертатсия, бо шаклҳо ва методҳои гуногуни ҳалли масъалаҳои инкишофдиҳанда ошно гардида, онҳоро дар амалияи фаъолияти омӯзгории худ ба таври васеъ истифода бурда метавонанд.

Сохтори илмии диссертатсия вобаста ба масъалаҳои гузошташуда мантиқан дуруст ва мақсаднок буда, бо пайдарҳамию системанокии мантиқан бо ҳам алоқаманд ба итмом расонида шудааст. Нуқтаҳои асосии илмии таҳқиқотро натиҷаҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсияю интишорот баёнгардида, асосҳои психологӣ-педагогии фардигардонии раванди таълими математика дар шароити муносибати босалоҳият ба таҳсилоти мактабӣ ва ташхису озмоишҳое, ки солҳои тӯлонӣ гузаронида шудаанд, фарзияи таҳқиқотро тасдиқ мекунанд.

Аз натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот ба дастомада дар як зумра конференсияҳои илмию методии сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ аён мегардад, ки Баркия Шомуродова ҳангоми гузаронидани таҳқиқот мустаҳқилият зоҳир намуда, худро ҳамчун мутахассиси кордон, қобилиятнок ва донишманди соҳа, ки назария ва методикаи фардигардонии раванди таълими математикаро хуб медонад, нишон додааст. Натиҷаҳои кориҳои озмоишӣ, ки солҳои тӯлонӣ гузаронида шудаанд, мақсаднокии истифодаи онҳоро дар амалияи фаъолияти омӯзгорӣ нишон медиҳанд.

Унвонҷӯ ҳамчун муҳаққиқи масъулиятшинос ва эҷодкор имтиҳонҳои ҳадди ақали номзадиашро бо муваффақият супоридааст.

Мақолаҳои илмӣ методии нашрнамудаи Шомуродова Б. Р. 19–номгӯйро дар бар мегирад, ки онҳо мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамоянд, аз чумла 2–дастури методӣ барои омӯзгорон, 4–мақолаи тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия, 3- мақолаҳои илмӣ татқиқотӣ дар маҷалаи Россия (РИНС), 4–мақолаи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ.

Шомуродова Барқия Раҳматуллоевна дар байни ҳамкорон ва донишҷӯён сазовори обрӯ ва эътибори хоса мебошад. Дар давраи омодасозии диссертатсия муҳақиқ теъдоди зиёди адабиёти илмӣ, педагогӣ, психологӣ, риёзӣ, таърихӣ ва математикиро оид ба мавзуи баррасишаванда омӯхта, мустақилона таҳлил намудааст.

Диссертатсияи Шомуродова Барқия Раҳматуллоевна дар мавзуи “Масъалаҳои инкишофдиҳанда дар курси математикаи мактабӣ, функсияҳо ва принсипҳои истифодабарии онҳо дар ҷараёни таълими математикаи мактабӣ (тибқи маводи алгебраи синфҳои 7–8)” ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02–Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (математика, муассисаҳои таҳсилоти умумӣ) пурра мувофиқ буда, ба ҳимоя тавсия карда шавад.

**Роҳбари илмӣ:**
Корманди шоистаи Ҷумҳурии
Тоҷикистон, д.и.п., профессори
кафедраи математика ва методикаи
таълими они ДДК ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
Суроға: ш. Кӯлоб, кӯчаи Н. Ҳувайдуллоев №98
Тел: 918-46-56-39. Ислом Ғуломов

*Имзои* Ислом Ғуломов – *ро тасдиқ менамоям.*

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Давлатов М.А.

“14” “02” соли 2025.